# ХУЛОСАИ
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм**

**Парвандаи аттестатсионии №**
**қарори шурои диссертатсионӣ**
**аз 16 майи соли 2026, №99**

**Дар бораи сазовор донистани Зокирзода Зафар Хайрулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

Диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзуи «Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ ва мукаммалгардонии қонунгузорӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ санаи 24-уми январи соли 2026, №90 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Докторант Зокирзода Зафар Хайрулло 20 апрели соли 1990 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2008 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ихтисоси ҳуқуқшиносӣ дохил шуда, онро соли 2013 хатм намудааст.

Аз соли 2014 ба сифати ассистенти кафедраи таърих ва ҳуқуқи факултети таърих ва педагогикаи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт фаъолияти худро шурӯъ намуда, аз соли 2023 ба ҳайси муовини ректор оид ба корҳои таълими Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт фаъолият карда истодааст.

Рисолаи номзадиашро соли 2020 таҳти унвони «Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ» бомуваффақият дифоъ намуда, соҳиби унвони илмии дотсент мебошад.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 10 ноябри соли 2025, №4 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Мушовири илмӣ:** Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**– Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;

– **Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ профессор, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– **Салаев Нодирбек Сапарбаевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори шуъбаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва муқовимат ба коррупсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқии Тошканди Ҷумҳурии Узбекистон.

Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи муассисаи пешбар, ки аз ҷониби ташхисгар, Назарзода Н.Ҷ. доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия (5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, подполковники милитсия ва котиби ҷаласа муаллими кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия Анвариён Ш.Ш. имзо ва аз ҷониби сардори шуъбаи кадрҳои Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия Саидзода А.Р., дар санаи 11.04.2026 сол тасдиқ шудааст, иброз медорад, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Бояд қайд намуд, ки рисолаи илмӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои сатҳи баланди мантиқӣ мебошад. Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ вобаста ба масъалаи мавриди назар таҳлили ҳамаҷониба гардидааст. Дар натиҷаи таҳлил паҳлуҳои мусбати қонунгузории мазкур муайян ва ҳамзамон, баъзе камбудиву норасоиҳои он ошкор карда шуданд. Муаллиф дар асоси таҳлили анҷомдода пешниҳодҳои мушаххаси назариявиро таҳия намуд, ки барои бартараф намудани камбудиҳои муайянгардида ва такмили танзими ҳуқуқӣ равона шудаанд.

Аз ҷониби рисоланавис шарҳу маънидоди муаллифона оид ба муаммоҳои назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот пешбарӣ гардида, дар асоси онҳо пешниҳодҳое коркард шудаанд, ки ба ҳалли вазифаҳои қайдгардида, ҳам дар сатҳи назариявӣ ва ҳам дар сатҳи амалӣ равона мешаванд. Унвонҷӯ доир ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 52 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз ин шумора 27 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 25 мақолаи дигар дар нашрияҳои дигар ба нашр расидаанд.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

1. Зокиров З.Х. Цель конфискации имущества [Текст] / З.Х. Зокиров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-

экономических и общественных наук. – 2017. – № 2/10. – С. 222-229. ISSN 2413-5151.

2. Зокиров З.Х. Цель конфискации имущества в теории уголовного права [Текст] / З.Х. Зокиров // Вестник РТСУ. – 2018. – Т. 1. – №1 (61). – С. 88-95. ISSN 2074-1847.

3. Зокирзода З.Х., Шарипов Т.Ш. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ оид ба ҷазо дар намуди мусодираи молу мулк [Матн] / З.Х. Зокирзода, Т.Ш. Шарипов // Маҷалаи академии ҳуқуқ . – 2019. – №4 (32). – С. 104-113. ISSN 2305-0535.

4. Зокирзода З.Х. Конфискация имущества в теории уголовного права: сущность и содержание [Текст] / З.Х. Зокирзода // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2021. – №2 (42). – С. 90-96. ISSN 2410-2903.

5. Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ [Матн] / З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2021. – №4. – С. 220-229. ISSN 2413-5151.

6. Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Некоторые вопросы криминализации и декриминализации клеветы в уголовном законодательстве Республики Таджикистан [Матн] / З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2022. – №3. – С. 207-214. ISSN 2413-5151.

7. Зокирзода З.Х., Муқимов С.Д. Низоми ҷазо дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / З.Х. Зокирзода, С.Д. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъияӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2022. – №5. – С. 223-230. ISSN 2413-5151.

8. Зокирзода З.Х., Муқимов С.Д., Алиев И.И. Масъалаҳои асосии мақсади ҷазо дар сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / З.Х. Зокирзода, С.Д. Муқимов, И.И. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2022. – №6. – С. 218-225. ISSN 2413-5151.

9. Зокирзода З.Х., Мелюханова Е.Е. Совершенствование уголовного законодательства Российской Федерации и Республики Таджикистан о конфискации имущества [Матн] / З.Х. Зокирзода, Е.Е. Мелюханова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №7. – С. 294-301. ISSN 2413-5151.

10. Зокирзода З.Х. Асосҳои ҷудо намудани ҷазоҳои ҷиноятӣ ба ҷазоҳои асоси ва иловагӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №8. – С. 294-301. ISSN 2413-5151.

11. Зокирзода З.Х., Муқимов С.Д. Баъзе масъалаҳои объекти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии инсон [Матн] / З.Х. Зокирзода, С.Д. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2022. – №11. – С. 212-219. ISSN 2413-5151.

12. Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Оид ба масъалаи декриминиализатсия кардани туҳмат ва таҳқир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷаллаи илмӣ-амалӣ). – 2022. – №1(25). – С. 68-81. ISSN 2414-9217.

13. Зокирзода З.Х., Азимов Ф.А. Баъзе масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи Вандидод ва таносуби он бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / З.Х. Зокирзода, Ф.А. Азимов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷаллаи илмӣ-амалӣ). – 2022. – №2(26). – С. 29-43. ISSN 2414-9217.

14. Зокирзода З.Х. Мафҳум ва моҳияти ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд [Матн] / З.Х. Зокирзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. – № 4 (56). – 37-48.

15. Зокирзода З.Х. Мушкилоти системавии таносуби намудҳои ҷазои асосӣ ва иловагӣ [Матн] / З.Х. Зокирзода // Законодательство. – 2022. – №4(48). – С. 120-126.

16. Зокирзода З.Х., Алиев И.И. Пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ҳамчун шакли амалисозии функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / З.Х. Зокирзода, И.И. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2023. – №2. – С. 250-254. ISSN 2413-5151.

17. Зокирзода З.Х., Алиев И.И. Шаклҳои амалисозии функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / З.Х. Зокирзода, И.И. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2023. – №3. – С. 213-219. ISSN 2413-5151.

18. Зокирзода З.Х., Воробьев С.М., Бобохонов Ф.А. Конфискация имущества в Конституции и Уголовном кодексе Республики Таджикистан: сравнительно-правовой анализ [Текст] / З.Х. Зокирзода, С.М. Воробьев, Ф.А. Бобохонов // Человек: преступление и наказание. – 2023. – Т.31. – №3. – С. 352-360.

19. Зокирзода З.Х., Шодизода Н.М Проблемаҳои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ – 2023. – №11. – С. 232-239. ISSN 2413-5151.

20. Зокирзода З.Х. Шароити иҷрои корҳои ислоҳӣ [Матн] / З.Х. Зокирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2024. – №4-1. – С. 232-241. ISSN 2413-5151.

21. Зокирзода З.Х. Масъалаҳои ташкилӣ-ҳуқуқии иҷрои корҳои ислоҳӣ [Матн] / З. Х. Зокирзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2024. – № 1(33). – С. 237-249. ISSN 2414-9217.

22. Зокирзода З.Х. Моҳият ва мазмуни корҳои ислоҳӣ [Матн] / З.Х. Зокирзода // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2024. – № 3(100). – С. 64-75. ISSN 2411-1945.

23. Зокирзода З.Х. Моҳият ва мазмуни корҳои ҳатмӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ [Матн] / З.Х. Зокирзода // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,

бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2024. – №4 (101). – С. 48-58.
24. Зокирзода З.Х. Проблемаҳои танзими ҳуқуқии иҷрои корҳои ҳатмӣ [Матн] / З.Х. Зокирзода // Қонунгузорӣ. – 2023. – № 4 (52). – С. 199-210.
25. Зокирзода, З.Х. Мақоми ҳуқуқии шахсоне, ки ба маҳдуд кардани озодӣ маҳкум шудаанд [Матн] / З.Х. Зокирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2024. – №8. – С. 231-238. ISSN 2413-5151.
26. Зокирзода З.Х. Танзими ҳуқуқии иҷрои корҳои ҳатмӣ [Матн] / З.Х. Зокирзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2024. – № 1 (61). – 19-29.
27. Зокирзода З.Х., Маҳмадёқубова, С.М. Таъини ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ [Матн] / З.Х. Зокирзода, С.М. Маҳмадёқубова // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2025. – № 1 (65). – С. 52-64. ISSN 2412-141X.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Бобозода Ҷ.Қ.** – мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;

**Сафарбекзода Ҳ.С.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»;

**Қурбонализода Н.Ш**. – Роҳбари дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе, доктори илмҳои ҳуқуқшиноси дотсент;

**Шокиров Ғ.А. –** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (ш. Хуҷанд);

**Раупова М.Т.** – профессори кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Ҳамаи тақризҳо мусбат арзёбӣ гардида, дар онҳо баъзе эродҳое оварда шудаанд, ки баҳсталабанд.

1. Муаллиф дар саҳифаи 23 автореферат қайд намудааст, ки мафҳуми ислоҳи маҳкумшуда дар КҶ ҶТ дода нашудааст. Яъне он ба таври равшану возеҳ дар КҶ ҶТ инъикоси худро наёфтааст ва ба ин далел ҳам чунин номуайянӣ дар робита ба мафҳуми ислоҳи шахси маҳкумшуда дар КҶ ҶТ боқӣ мемонад. Муаллиф ишора мекунад, ки мафҳуми «ислоҳи маҳкумшуда» дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон равшан ва дақиқ дода нашудааст. Бо вуҷуди ин, ин нуқтаи назар то ҳадде танқидӣ мешавад, зеро қонунгузор аллакай ин мафҳумро дар моддаи 14-и Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ зикр кардааст. Яъне, мавҷудияти таъриф дар қонуни алоҳидаи марбут ба иҷрои ҷазои ҷиноятӣ маънои онро дорад, ки фаҳмиши асосӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ аллакай дар амал дастрас мебошанд ва номуайянӣ, ки муаллиф ба он ишора мекунад, ҳамчун камбудӣ пурра асос надорад. Аз ин

ҷиҳат, мушоҳидаи муаллиф дар ин боб бештар хусусияти умумӣ ва назариявӣ дорад ва зарурат барои ворид намудани таъриф ба Кодекси ҷиноятӣ ба таври мушаххас нишон дода намешавад. Ҳамин тавр, нуктаи назаре, ки ба номуайянӣ ишора мекунад, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ асоснок нест, зеро қонунгузорӣ аллакай ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳ кардааст ва ба он баҳои ҳуқуқии муайян додааст.

2. Дар баробари тарафҳои мусбии таҳқиқот дар он баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла, муаллиф дар саҳифаи 14-уми автореферат қайд намудааст, ки дар номи м.м. 48, 49 ва дигар меъёрҳои КИҶҶ ҶТ истилоҳи "маҳалли адои ҷазо" ба истилоҳи "муассисаи адои ҷазо" иваз карда шавад. Аз ин лиҳоз, муаллифро зарур аст, ки оид ба масъалаи мазкур шарҳи иловагиро пешниҳод намояд.

3. Муаллиф дар саҳифаи 4 автореферат қайд намудааст, ки баъзе меъёрҳои қонунгузорӣ ба амалияи имрӯзаи кишвар мувофиқат намекунанд ва баъзе аз намудҳои ҷазоҳо механизми татбиқи худро гум кардаанд. Аз ҷумла дер боз ҷазои маҳдуд кардани озодӣ дар амалияи судӣ мавриди истифода қарор намегирад ва дар хусуси механизми татбиқи он чораҳои зарурӣ андешида нашудааст. Дар қисмати мубрамии таҳқиқот бахшида ба сабабҳои иҷро нашудани ҷазои маҳдуд кардани озодӣ дар амалияи судӣ, сарфи назар аз таҳлили назариявии муфассал ва асоснок ба назар мерасад, ки масъалаи таҷрибаи мушаххаси ҳуқуқтатбиқкунӣ ба андозаи кофӣ бо маводи оморӣ ва мисолҳои амалии судӣ такмил дода нашудааст. Аз ҷумла, дар диссертатсия таҳлили муқоисавии ҳукмҳои судӣ, маълумоти оморӣ ё мавқеи мақомоти иҷрокунандаи ҷазо метавонад асоснокии хулосаҳои муаллифро дар бораи сабабҳои татбиқ нашудани ҷазои мазкур боз ҳам тақвият бахшад. Роҷеъ ба ин масъала аз муаллиф талаб карда мешавад, ки сабабҳои таъин нагардидани ин ҷазоро дар амалияи судӣ шарҳ диҳад.

4. Дар баробари тарафҳои мусбии таҳқиқот дар он баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла, муаллиф дар навгонии 7-уми автореферат қайд намудааст, ки тибқи ин низом ҳар як соати иҷрои ҷазои корҳои ҳатмӣ аз рӯйи меъёрҳои махсуси ахлоқӣ, интизомӣ ва иҷтимоӣ баҳогузорӣ мешавад. Яъне бар асоси муҳосибаи баробар (1 соат = 1 соат) механизме пешниҳод мегардад, ки ҳар як соат бо назардошти сифати иҷрои ҷазо «вазн» ва «арзиш»-и инфиродӣ ба худ касб намуда, бо коэффитсентҳои махсус ҳисоб карда мешавад. Бинобар ин, хуб мебуд аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҷараёни ҳимояи ошкорои диссертатсия оид ба масъалаи дар нуктаи ба ҳимоя пешниҳодшавада ба таври мушаххас мавқеашро муайян намояд.

5. Муаллиф дар саҳифаи 13 автореферат қайд намудааст, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ (м. 48(1) КҶ ҶТ) бояд бо истилоҳи зерин: «Корҳои ҳатмӣ дар ҳудуди минтақаи шаҳрӣ ё маҳалҳои ноҳия, ки маҳкумшуда воқеан зиндагӣ мекунад, адо карда мешавад» ва «вале дар маҳалли истиқомати маҳкумшуда» ба истилоҳи «вале дар ҳудуди минтақаҳои шаҳрӣ ё ноҳияе, ки маҳкумшуда воқеан зиндагӣ мекунад» иваз карда шавад. Бо вуҷуди он ки пешниҳоди мазкур ба дақиқгардонии истилоҳоти ҳуқуқӣ равона гардидааст, аз муаллиф талаб карда мешавад, ки зарурати илмӣ ва амалии чунин

ивазкуниро ба таври муфассал асоснок намояд. Аз ҷумла, муаллиф бояд шарҳ диҳад, ки иваз намудани истилоҳи амалкунанда дар чист, дар амалияи судӣ ё фаъолияти мақомоти иҷрокунандаи ҷазо кадом мушкилоти ҳуқуқтатбиққунӣ ё ихтилофоти тафсирӣ ба миён меоянд ва чӣ гуна таҳрири пешниҳодшуда метавонад ба бартараф намудани онҳо мусоидат намояд. Ҳамчунин, мақсаднок мебуд, агар муаллиф ин пешниҳодро бо мисолҳои мушаххас аз амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ тақвият бахшад.

Бояд қайд намоем, ки эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд.

Бояд зикр намуд, ки муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар аз руйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ интихоб гардида, таҳқиқоти илмие, ки онҳо ба анҷом расонидаанд ба мавзуи таҳқиқотии муаллиф алоқамандии зич дорад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**– коркард карда шуд:** Таҳқиқоти мазкур аввалин кори илмӣ дар ин самт ба ҳисоб рафта, навгонии илмиаш дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бори нахуст дар сатҳи кори илмӣ масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ ва мукаммалгардонии ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошандро ба таври комплексӣ ва ҳамаҷониба таҳлил намудааст;

**– пешниҳод шудааст:** пешниҳод мешавад, ки муҳлати корҳои ҳатмӣ м. 48 (1) КҶ ҶТ барои шахсони бекор то 8 соат дар як рӯз муқаррар карда шавад. Ин ба маҳкумшуда имконият медиҳад, ки муҳлати ҷазоро ҳар чӣ зудтар адо намояд ва ҳам бо кор таъмин намудани маҳкумшударо осонтар менамояд. Бинобар ин, пешниҳод менамоям, ки ҳаҷми соат ба 480 соат расонида шавад;

**– исбот шудааст:** дар м. 14 КИҶҶ ҶТ таълими ҳарбӣ ҳамчун воситаи ислоҳи маҳкумшудагон муқаррар карда шавад. Инчунин дар боби 16 КИҶҶ ҶТ як моддаи дигар ба масъалаи татбиқи корҳои ислоҳӣ нисбати маҳкумшудагони ҷазои маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ пешбинӣ карда шавад;

– **ҷорӣ намудан:** дар қонунгузории ҷиноятӣ (м. 48(1) КҶ ҶТ) бояд бо истилоҳи зерин: «Корҳои ҳатмӣ дар ҳудуди минтақаи шаҳрӣ ё маҳалҳои ноҳия, ки маҳкумшуда воқеан зиндагӣ мекунад, адо карда мешавад» ва «вале дар маҳалли истиқомати маҳкумшуда» ба истилоҳи «вале дар ҳудуди минтақаҳои шаҳрӣ ё ноҳияе, ки маҳкумшуда воқеан зиндагӣ мекунад» иваз карда шавад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои он ба рушди минбаъдаи

назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мусоидат менамоянд ва заминаи назариявию методологии омӯзиши масъалаҳои ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятӣ бо истифода аз муносибати комплексӣ такмил медиҳанд. Хулоса ва пешниҳодҳои бадастомада барои илм муҳим буда, метавонанд дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олие, ки дорои ихтисосу факултетҳои ҳуқуқшиносӣ дар соҳаи қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошанд, истифода гардад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшудаи диссертатсия метавонанд дар самтҳои зерин истифода шаванд: дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ – барои таҳияи минбаъдаи масъалаҳои назариявии ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд; дар фаъолияти амалии ҳуқуқтатбиқкунӣ – барои ҳал намудани масъалаҳои ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд ва дар фаъолияти қонунгузорӣ зимни такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ. Натиҷаҳои таҳқиқот мумкин аст, инчунин дар раванди таълимӣ зимни таҳияи бобҳои дахлдори китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ, инчунин машғулиятҳо аз фанни ҳуқуқи ҷиноятӣ истифода шаванд.

Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта натиҷаҳои диссертатсияи мазкурро дар раванди омӯзиши фанни «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», аз ҷумла курси махсуси «Асосҳои таъини ҷазо» истифода бурдан ба мақсад мувофиқ хоҳанд буд. Қобили зикр аст, ки дар кори илмӣ бо истифода аз методи муқоисавӣ-ҳуқуқӣ танзими ҳуқуқии ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд дар таҷриба ва қонунгузории давлатҳои хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

**– баён шуд, ки** ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, таҷассуми принсипи инсонгароӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошанд. Ин гуна ҷазоҳо ба шахс имкон медиҳанд, ки гуноҳи содиркардаро бо ҳисси масъулияти иҷтимоӣ ҷуброн намояд. Ин намудҳои ҷазо на танҳо шахсро ислоҳ мекунанд, балки дар зеҳни ҷомеа тасаввури навро аз муносибати одилона ва башардӯстона дар баробари ҳуқуқвайронкунандагон ташаккул медиҳанд. Дар амал судҳо ва мақомоти иҷрои ҷазо кӯшиш мекунанд, ки ҷазоҳоеро, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, бештар татбиқ намоянд, то шумораи маҳкумшудагон дар муассисаҳои ислоҳӣ кам гашта, таъсири иҷтимоии манфӣ коҳиш ёбад.

**- ошкор карда шуд, ки** дар самти иҷрои корҳои ислоҳӣ чунин мушкилоти асосӣ ҷой доранд:

– норасоии ҷойи корӣ дар маҳалле, ки маҳкумшуда бояд корҳои ислоҳиро адо намояд;

– норасоии кадрӣ ҷиҳати назорати маҳкумшудагоне, ки корҳои ислоҳиро адо мекунанд;

– номукаммалии механизми татбиқи ҷазои интизомӣ ҳангоми вайрон шудани тартиботи меҳнатӣ аз ҷониби маҳкумшуда;

– номукаммалии механизми баҳисобгирии вақти адои корҳои ислоҳии маҳкумшудагон;

– ба кормандони мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои беасос фиристодани мавод барои оғоз намудани парвандаҳои ҷустуҷӯйӣ нисбати маҳкумшудагон роҳ надиҳад.

– **омӯхта шуданд:** Қонунгузории миллӣ, қонунгузориҳои ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ, қарорҳои дахлдори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои таҷрибаи судӣ вобаста ба ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд.

– **аз нав такмил додани:** меъёрҳои қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки натиҷаҳои таҳлил метавонанд ҳангоми такмили меъёрҳои КҶҶТ, КИҶ ҶТ ва мукаммал намудани қарори Пленуми Суди Олии ҶТ ба таври васеъ истифода бурда шаванд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонанд ҳамчун маводи методӣ ва илмӣ дар фаъолияти таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ, ҳангоми таълими фанҳои «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», «Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» истифода гарданд.

– **муайян карда шуданд**, ки дар бештари мавридҳо мафҳуми “ҷазоҳои ба ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд” дар матни пешниҳоднамудаи қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ инъикоси худро меёбад (фасли 2, боби 3[1] КИҶҶ ҶТ), аммо амалан дар ҳеҷ ҷойи кодекси мазкур таърифи “ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд”, дода нашудааст. Ҳамчунин қонуни ҷиноятӣ дар м. 54 КҶ ҶТ истилоҳи “ҷазоҳои бидуни ҷудо кардан аз ҷамъият” истифода бурдааст. Бинобар ин, зарурати ягонакунии ин мафҳумҳо дар қонунгузории ҶТ ба миён омадааст. Метавон таърифи зеринро дар фасли 2, боби 3[1] КИҶҶ ҶТ муқаррар намуд: ҷазоҳои бидуни ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа маҷмуи чораҳои муқаррарнамудаи қонуни ҷиноятиро вобаста ба аксуламали сазодиҳандагии давлат нисбат ба шахси гунаҳкор дар содир намудани ҷинояти начандон вазнин ва дараҷаи миёна ташкил медиҳанд, ки ҳуқуқу озодиҳои ӯро маҳдуд менамояд.

– **офарида шуд**: беҳтар аст, ки дар кишвари мо низ Фонди ҷуброни ҷабрдидагон ташкил карда шуда, қисме аз музди меҳнати иҷрокунандаи ҷазои корҳои ислоҳӣ ба фонди мазкур пардохт гардида, аз ин ҷо ба манфиати ҷабрдида супорида шавад. Ҳамзамон андозаи нигоҳдошти музди меҳнат дар кишвари мо нисбатан калон мебошад. Аз нигоҳи мо роҳи беҳтар ин аст, ки муҳлати иҷрои ҷазои корҳои ислоҳӣ то ба 3 сол тамдид ва маблағи мавриди ситониш ба ҳадди аз 5 то 20 фоиз муайян карда шавад.

– **муаррифӣ карда шуд**: Асоси усулҳои таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умумиилмии фалсафӣ ва махсуси ҳуқуқӣ ташкил медиҳад. Барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда аз усулҳои расмӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, оморӣ ва дигар методҳои умумӣ ва махсуси илмӣ, ки аз ҷониби илм таҳия ва дар амалия санҷида шудаанд, истифода шудааст.

Тавассути усули расмӣ-ҳуқуқӣ мафҳуму моҳияти ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, мафҳуму моҳияти корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ва маҳдуд кардани озодӣ ва дигар мафҳуму истилоҳоти ҳуқуқии ба мавзуи таҳқиқот дахлдошта аз нигоҳи расмӣ таҳлилу таҳқиқ ва пешниҳод гардидаанд. Бо истифода аз усули расмӣ-мантиқӣ тартиби таъин, иҷрои ҷазоҳои корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ, маҳдуд кардани озодӣ ва ҳукмҳои судӣ оид ба ҷиноятҳои мазкур мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, нуқсонҳои ҷойдошта ошкор гардидаанд. Бо ёрии усули муқоисаи давлативу ҳуқуқӣ қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ бо дигар давлатҳои хориҷӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар рафти таҳқиқот усули оморӣ ба кор бурда шуда, дар асоси сарчашмаҳои боэътимоди расмӣ омори таъини ҷазоҳои ҷиноятии корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ ва маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ дар амалия таҳлил ва хулосабарорӣ гардидааст. Дар баробари ин, дар таҳқиқот усули расмӣ-забонӣ истифода гардидааст, ки бо ёрии он тарзи дурусти истилоҳот, мафҳумҳо ва категорияҳои ҳуқуқӣ аз ҷиҳати забонӣ дар қонунгузории амалкунанда баррасӣ гардидааст.

– **асоснок шудааст**, ки аз номгӯйи мазкур ҷинояткорони такрорӣ ва заноне, ки кӯдакони то 5-сола доранд дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ ба назар намерасад, ки ворид намудани онҳоро ба КҶ ҶТ мувофиқи мақсад меҳисобем. Аз ҷумла шахсе, ки такроран ҷиноят содир кардааст, ин маънои ҳанӯз ислоҳ нашудани онро дорад. Яъне ҷазои қаблӣ ӯро ҳанӯз ислоҳ накардааст. Заноне, ки кӯдаки то 5-сола доранд имконияти рӯз то бегоҳ кор карданро надоранд, зеро кӯдакони онҳо бенигоҳубин мемонанд. Модар тарбиятгари насли наврас мебошад ва дур будани модар аз фарзандони хурдсол ба тарбияи ахлоқию маънавӣ, равонӣ ва ҷисмонии онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Бо ин назардошт, беҳтар мебуд, ки дар қ. 3 м. 52 КҶ ҶТ чунин бандҳо илова карда шавад: "ё) заноне, ки дар тарбияташон кӯдакони то 5-сола доранд; ж) шахсоне, ки такроран ҷиноят содир кардаанд";

– **истифода шудаанд:** ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд тавассути омӯзиши амиқи категорияҳои умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳам дар ҳолати нисбатан статикӣ ва ҳамзамон дар ҳолати рушду инкишоф баррасӣ гардид; таърихию ҳуқуқӣ – барои муайян кардани решаҳои таърихӣ ва ташаккули меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд истифода шуд; системавӣ-сохторӣ барои муайян намудани мавқеи ҷазоҳои дахлдор дар низоми ҷазоҳои ҷиноятӣ ва категорияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ истифода гардид; догматикӣ – ҳангоми ҷазоҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд муқаррар мекунанд, истифода шуд; муқоисавӣ-ҳуқуқӣ – ҳангоми муқоисаи меъёрҳои омӯхташавандаи КҶ ҶТ бо якдигар ва бо меъёрҳои дахлдори қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ истифода гардид;

– **муайян шудаанд:** масъалаи иҷрои корҳои ҳатмӣ дар объектҳои ташкилоти давлатӣ дар адабиёти ватанӣ бисёр дастгирӣ ва эътироф шудааст, вале дар КИҶҶ ҶТ дар ягон меъёр объектҳои ташкилоти давлатӣ муқаррар нашудааст. Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки дар КИҶҶ ҶТ меъёр оид ба иҷрои корҳои ҳатмӣ танҳо дар объектҳои ташкилоти сирф давлатӣ муқаррар карда шавад. Ҳамзамон масъалаи объектҳои иҷозатшуда ва манъшудаи иҷрои корҳои ҳатмӣ барои маҳкумшудагон муқаррар гардад.

– **истифода шуданд:** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, маълумоти омории Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сармаркази таҳлилӣ-иттилоотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии муаллиф дар нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, навгонии илмии диссертатсия, мақолаҳои илмии муаллиф, маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конфренсияҳои илмӣ-амалӣ таҷассум ёфтааст.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 16 майи соли 2026 қарор қабул карда шуд, ки ба Зокирзода Зафар Хайрулло дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд тасдиқ гардидааст 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктор ва 1 нафар номзад аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ 14 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзозода Қ.Х.**

**16 майи соли 2026**